"Тасдик мекунам"
Директори Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Шарифзода Б. _____
"_____" _____ соли 2022

ХУЛОСАИ
ШУЪБАИ ЗАБОНИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АМИТ

Ба диссертатсияи номзадии Каримова Гулзира Нуруллоевна дар мавзуи "Вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ", ки дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Муаллифи диссертатсия доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)-и Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

Роҳбари илмӣ – Мирзоев Сайфиддин, номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 06.12.2017 қарори №8 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, мавзуи баҳси он "Вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ" мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, боби аввал аз 6 фасл бо зерфаслҳо ва боби дуюм аз 8 фасл бо зерфаслҳо, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад. Мавзуи мавриди таҳқиқ мубрам буда, докторант кӯшиш кардааст, ки баррасии истилоҳоти мураккаби сеҷузъа натанҳо дар ташхиси вожаҳои муайяни забон, балки барои ошкор сохтани баъзе масъалаҳои этнолингвистӣ низ муфид арзёбӣ шавад. Аз ин ҷиҳат дар диссертатсия ба барҳе аз вожаҳои

мураккаби сеҷузъаи этнолингвистӣ, мардумшиносӣ, ки то ба хол мавриди таҳқиқоти густурда ва вижаи илмӣ қарор нагирифта, буданд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Диссертатсияи Каримова Гулзира мавзуи актулиро дар бар гирифта, оид ба масъалаи сохтори вожаҳои муракаби сеҷузъа бо таҳлилҳои амиқи илмӣ анҷом дода шудааст. Дар бахши **мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** пеш аз ҳама, муайян ва муқаррар намудани қонуниятҳои асосии сохтории вожаҳои мураккаби сеҷузъа, таъйин ва мушаххас кардани баъзе вижагиҳои онҳо, ҳудуди интишор ва роҳҳои сохта шуданашон таҳлил гардидааст.

Унвонҷӯ ***мақсади пажуҳишаро*** дар чунин нуктаҳои омӯзишӣ муайян менамояд:

- тайин ва муқаррар кардани қонунияти сохтории вожаҳои мураккаби сеҷузъа;
- нишон додани бархе аз вижагиҳои умумии ин навъи калимаҳо дар муқоиса бо баъзе шеваҳо, даврахои то истиқлол ва пас аз истиқлол;
- муқаррар намудани доираи густариши вожаҳои мураккаби сеҷузъа;
- муайян сохтани қолабҳои грамматикии вожаҳои мураккаб ва баррасии вижагиҳои ташаккул ва таҳаввули онҳо;

Барои расидан ба ҳадафҳояш Каримова Г. чунин **вазифаҳоро** роҳандозӣ намудааст:

- Ҷамъ овардани маводи вожаҳои мураккаби сеҷузъа ва бисёрҷузъа аз сарчашмаҳои илмӣ, асарҳои бадеӣ, номи бархе аз корхонаву муассисаҳои давлатӣ ва лавҳаву овезаҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар.
- Таснифу таҳлили сохторӣ, маъноӣ ва ҷо-ҷо решашиносии маводи гирдовардаи вожаҳои мураккаби сеҷузъа.
- Тайин намудани мавқеи асосии ташаккули вожаҳои мавриди пажуҳиш.
- То ҷойи имкон муайян кардани замону макони пайдоиш ва рушду инкишофи истилоҳоти мураккаби сеҷузъа.

Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз рӯйи имкон дар шарҳу маънидоди мухтавои вожаҳои мураккаби сеҷузъа ва вазифаҳои пешбинишуда дар низоми таърихи забонҳои эронӣ ва то чое забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва таърихи густариши маводи мавриди назар саҳме дошта бошад. Ҳаллу фасли чунин масъалаҳои зерин ичрои ин гуна талаботро тақозо мекунад:

-пажуҳиши ҳамаҷонибаи маводи таҳқиқшаванда;

-тасниф, таҳлилу ташреҳи лингвистии вожаҳои мураккаби сеҷузъа;

-баррасиии усулҳои нави таҳқиқи этнолингвистии маводи гирдомада.

Дар рафти баррасии масъалаҳои дар пеш гузошташуда усулҳои гуногуни забоншиносии муосир, аз ҷумла усулҳои сохторӣ, муқоисавии диахрониву синхронӣ, забоншиносии ичтимоӣ ва этнолингвистӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Чуноне аз номгузории диссертатсия аён аст, **объекти тадқиқот** вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад.

Мавзуи асосии тадқиқот калимасозии вожаҳои мураккаби сеҷузъа, таҳлили сохторӣ ва маъноии вожаҳои мураккаби сеҷузъа аст.

Барои пажуҳиши ҳамаҷонибаи вожаҳои мураккаби сеҷузъа аз методҳои муқоисавии синхронӣ ва диахронӣ, ки асосан аз таҳлилу баррасии сохторӣ иборат мебошанд, истифода шудааст.

Арзиши назариявии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи тадқиқоти илмӣ метавонад дар омӯзиш ва таҳлили қиёсии масъалаҳои забоншиносӣ, аз ҷумла тарзу усулҳои калимасозии мураккаб, муқоисаи онҳо бо усулу роҳҳои калимасозӣ дар забонҳои дигари эронӣ истифода шавад.

Арзиши амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои тадқиқот метавонад ҳангоми таҳияи фарҳангҳои тафсирӣ ва этимологӣ, соҳавии забони тоҷикӣ ва забонҳои дигари эронӣ истифода шавад. Инчунин маводи рисолаи илмӣ метавонад дар таълим ва тадрис дар донишгоҳу

донишкадаҳо ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ ба сифати маводи иловагӣ истифода шавад.

Навгонии илмии тадқиқот. Навоварии бахшҳои мавзуъ иборат аз он аст, ки бештари масоили мавриди пажуҳиш дар забоншиносии тоҷикӣ бори нахуст баррасӣ мегардад. Масъалаҳои ба нақшаи таҳқиқ воридшуда дар забоншиносии тоҷик ба шакли диссертатсияи ҷудогона аввалин бор ба риштаи таҳқиқ даромадааст. Таҳқиқоти ба анҷомрасида дар бахши лексика, махсусан вожасозии калимаҳои мураккаби сеҷузъа дар асоси маводи осори бархе аз нависандагони тоҷик ва давраи Истиқлол ба дастомада ҷамъбаст гардид. Таҳқиқоти амалишудаи вожаҳои мураккаби сеҷузъа имкон фароҳам меорад, ки омӯзиши нисбатан амиқи таркиби луғавӣ амалӣ гардад, вожаҳои мавҷуднабудаи мураккаб ба таркиби луғавии забон ба таври асоснок ворид гарданд, барои такмили луғоти мавҷудбуда ва омодакунии луғатҳои мукамали забони тоҷикӣ дар оянда замина мегузорад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва 11 мақолаи ба нашр расонидаи диссертант мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант шаштои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд.

Қисматҳое аз кор аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ ва конференсияҳои ҳайати устодону кормандони Институти забон ва адабиёти АМИТ, ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ДТТ ба номи А.И.Сино ироа шудааст.

Пешниҳоди диссертатсия ба шурои Институт барои гузаштан аз пешдифо. Бобҳои диссертатсия мутобики мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқик дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати он дар КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) тавсия мешавад.

Диссертатсияи Каримова Гулзира Нуруллоевна дар мавзуи "Вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ" дар ҷаласаи шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

Иштирок доштанд: 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 8 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Қарори № 2 аз 22.02.2022.

Раисикунанда, ходими калони
илмии шуъбаи забони ИЗА
ба номи Рӯдакии АМИТ,
номзади илми филология
(+992) 111 555 750 Тӯраев Бурҳониддин

Котиб номзади илми филология Шарифова Гулҷаҳон

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Телефон: (+992) 227 27 52

"Имзои Тӯраев Бурҳониддин ва
Шарифова Гулҷаҳонро тасдиқ мекунам"
Нозири калони кадри
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳилола

25.02.2022.